ТДУ: 339.13: 637.5

# ОМИЛҲОИ АФЗУНГАРДОНИИ ИСТЕҲСОЛИ КАРТОШКА ДАР ШАРОИТИ МУСТАҚИЛИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

**Бадалова Б. А. – ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур**

***Калидвожаҳо:*** *соҳаи картошкапарварӣ, истеҳсоли картошка, омилҳо, гурӯҳбандии омилҳо, самаранокии истеҳсоли картошка, мустақилияти озуқаворӣ.*

Соҳаи картошкапарварӣ яке аз соҳаҳои асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, барои мӯътадилгардонии таъминоти озуқаворӣ мамлакат саҳми муҳим дорад.

Ҳолати соҳаи картошкапарварӣ ва мавқеи картошка дар бозори озуқаворӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ба сифати нишондиҳандаи асосии амнияти озуқаворӣ қабул карда мешавад ва бинобар ин аҳамияти картошкаро дар иқтисодиёти давлати дилхоҳ баҳо додан мушкил аст.

Раванди истеҳсоли картошка аз равандҳои ягонаи байни ҳам алоқаманди техникӣ, технологӣ, ташкилӣ ва идоракунӣ иборат мебошад. Технологияи истеҳсоли картошка ҳамчун таносуби хароҷоти захираҳои истеҳсолӣ ба як воҳиди маҳсулоти истеҳсолшаванда (с/га) муайян карда мешавад. Технологияе, ки натиҷаҳои беҳтаринро таъмин менамояд, ин муносибатҳои оптималӣ, сатҳи омилҳои истеҳсолот, манбаи муайяни техникӣ ва ташкили истеҳсолот мебошад.

Мавҷудияти миқдори зарурии картошкаи баландсифати истеҳсоли ватанӣ ва дастрасии он ба истеъмолкунандагон имконият медиҳад, ки кадом навъи картошкаро интихоб намуда, онро чӣ гуна тайёру истеъмол кунем ва онро чӣ гуна дар байни аҳолӣ паҳн намоем? Барои баъзеи истеъмолкунандагони ин маҳсулот, бо назардошти дастрасии кофии он, ҳамчун қоида дорои камбудии муайяни моводи ғизоӣ ба шумор меравад.

Барои даврахои гуногуни вақт бо назардошти дастовардҳои илмӣ дар минтақаҳои гуногун истеҳсоли картошка аз рӯйи муносибати инфиродии(алоҳидаи) парвариши картошка кор карда баромада шудааст, ки вай аз маҷмӯи технологияи оптималӣ, пойгоҳи техникӣ ва ташкили истеҳсолот иборат буда, онҳо натичаи оптималиро таъмин менамоянд. Дар ин ҳолат истифодаи пурраи иқтидори истеҳсолӣ муҳим мебошад, яъне ҳаҷми воқеии маҳсулот, ки корхонаҳои кишоварзӣ имконияти бо назардошти истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда истеҳсол мекунанд. Дар баъзе ҳолатҳо, якҷоякунии воқеии омилҳои истеҳсолӣ аз қимати оптималӣ фарқ мекунад, ки дар натиҷа ба самаранокии истеҳсолот таъсири манфӣ мерасонад [3].

Татқиқи ин раванд бо алоқамандии барои ба даст овардани самаранокии максималӣ, муҳимии омӯзиши ҳаматарафаи сатҳи омилҳои онро муайян менамояд. Ба ақидаи мо дар замони ҳозира омилҳои асосие, ки самаранокии истеҳсоли картошкаро муайян менамоянд, 10-то мебошанд (расми 1).




**Расми 1. – Гурӯҳи омилҳое, ки самаранокии истеҳсоли картошкаро муайян мекунанд**

Қайд намудан бомаврид аст, ки дар замони имрӯза таснифи омилҳое, ки ба нишондиҳандаҳои самаранокии истеҳсоли картошка таъсир мерасонанд, хеле зиёданд, лекин натиҷаи кор аз муайянкунии омили асосӣ вобаста мебошад. Масалан, олими руссиягӣ О.А. Калугин гурӯҳбандии омилҳоро, ки ба самаранокии истеҳсоли маҳсулот таъсир мерасонанд, чунин пешниҳод намудааст:

• идорашаванда ва идоранашаванда;
• дохилӣ ва беруна;

• муайян ва номуайян [1].

Олими дигари руссиягӣ А.Д. Шафронов низ се категорияи асосии самаранокии истеҳсоли маҳсулотро пешниҳод кардааст, ки онҳо инҳоанд:

• пешниҳод;

• талабот ва ивазкунӣ;

• алоқамандии иқтисодии корхона бо давлат [4].

Ба ақидаи мо барои татқиқи масъалаи афзунгардонии истеҳсоли картошка аз рӯйи гурӯҳи пешниҳод чунин омилҳоро дохил намудан мумкин аст:

• таъмин будан бо захираҳои замини хушсифат;

• мавҷудияти захираҳои меҳнатии тахассусдор;

• ҳаҷм ва дараҷаи фондҳои аз истифода баромада;

• мавҷудияти фондҳои гардиш ба миқдори зарурӣ;

• технологияи истеҳсоли картошка;

• идоракунии бомақсади раванди истеҳсол ва фурӯш;

• мавқеи ҷойгиршавии корхонаи кишоварзӣ;

• имконияти васеъкунии истеҳсол.

Ин омилҳо, имконияти баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли картошкаро ташкил медиҳанд.

Аз рӯйи гурӯҳи омилҳои пешниҳод ва ивазкунӣ имконияти фурӯши истеҳсоли картошка муайян карда мешавад. Дар ин ҳолат баъзе мушкилиҳоро, ки ба маҳсулот истеҳсолкунандагон ҳангоми фурӯши маҳсулот рӯ ба рӯ мешавад, бояд ба инобат гирифта шавад. Ба онҳо мавҷуд набудани ҷойи нигоҳдории босифат, технологияи коркарди он ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Аз рӯйи омили алоқамандии иқтисодии корхона бо давлат бояд низоми алоқамандии иқтисодии субъекти хоҷагидорро бо дастгоҳи идоракунӣ муайян карда шавад. Дар ин ҳолат ташкили пойгоҳи ҳуқуқии пурра ва замонавӣ муҳим мебошад, ки вай муносибати бозорӣ ва инчунин такмилдиҳии механизмҳои иқтисодии давлатро ба танзим медарорад.

Дар замони имрӯза муносибатҳоро оид ба гурӯҳбандии омилҳо дар вобастагӣ бо аломатҳо, ки самаранокии истеҳсоли картошкаро ташкил медиҳанд, ба инобат гирифта, тасвири графикии омилҳои асосиро ба тариқи зайл пешниҳод намудан мумкин аст (расми 2).




**Расми 2.- Синфбандии омилҳои самаранокии истеҳсоли картошка вобаста ба аломат**

Ҳамин тариқ, афзуншавии самаранокии истеҳсоли картошка ва мушкилоти ба он алоқаманд талаб менамояд, ки омилҳое, ки ба рушди қувваи истеҳсолкунанда, инчунин муносибатҳои дигари иқтисодӣ дар раванди истеҳсолот таъсир мекунад, истифода шаванд. Аз ин лиҳоз, пешниҳоди баъзе муаллифон, ки зарурати тағйир додани унсурҳои алоҳидаи иқтисодиёти соҳаи кишоварзиро дарбар мегирад ва минбаъд бе назардошти омилҳои умумӣ ва афзоиши он ба қадри кофӣ асоснок карда нашудааст.

Дар замони имрӯза, омилҳои зиёдеро ҷудо менамоянд, ки онҳо нишондиҳандаи самаранокии иқтисодии истеҳсоли картошкаро ташкил медиҳанд, ки онҳоро низ гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст. Гурӯҳбандии омилҳо аз рӯйи самтҳои асосӣ чунин амалӣ карда мешаванд:

• пайдарпайии пурраи интенсификатсияи раванди истеҳсоли картошка, бо назардошти пешрафти бефосилаи илмию техникӣ ва такмили механизмҳои танзими бозор;
• истифодаи оқилонаи замин ва такмили чорабиниҳо оид ба ҳифзи муҳити зист;
• муайян намудани ҷойгиркунии истеҳсолот бо назардошти хусусиятҳои навъҳои ҷудогона;
• ташкили фаъолият дар асоси махсусгардонӣ ва кооператсияи истеҳсолот;
• интегратсияи(ҳамгироии) истеҳсоли картошка;
• истифодаи оқилонаи ҷараёнҳои сармоягузорӣ;
• такмилдиҳии истифодаи воситаҳои асосӣ, гардон ва захираҳои меҳнатӣ;
• такмилдиҳии системаи идоракунӣ ва роҳбарият, ташкили самараноки фаъолияти меҳнатӣ;
• истифодаи низоми мукаммали ташкили меҳнати коргарон;
• рушди низоми банақшагирӣ, ҳавасмандкунӣ ва таъмини шароити зарурии иҷтимоию иқтисодӣ.

Бо қатори омилҳо яке аз қувваи ҳаракатдиҳандаи баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ истифодаи захираҳои истеҳсолӣ мебошад, ки вай ба корхонаҳои кишоварзӣ имконият медиҳад, ки иқтидори худро пурра истифода барад ва дар натиҷа ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоту хизматрасонӣ афзун гардида, даромад ва фоидаи иловагӣ ба даст орад [2].

Худи захираи истеҳсолӣ ҳамчун фосилаи байни истифодаи воқеии захираҳои истеҳсолӣ ва имкониятҳои оқилонаи истифодабарии онҳо бо дар назардошти рафъи хароҷоти ғайриоқилона, истифодаи технологияҳои муосир ва дастовардҳои илмӣ тавсиф дода мешавад.

Ташкили фаъолият оид ба муайян кардани захираҳои истеҳсолии картошка дар он вақт мақсаднок мебошад, ки агар мувофиқати он ва ҷойи истеҳсоли онҳо мавҷуд бошад.

Аҳамияти махсус ҳангоми пайдо намудани захираҳои истеҳсолии картошка ба намудҳои гуногуни тасниф нисбат ба раванди истеҳсолот, мувофиқоии он бо захираҳои беруна ва дохилӣ дода мешавад. Чунин тақсимоти захира ба ташкили хуби ҷустуҷӯ ва баҳодиҳии имкониятҳо, ки аз фаъолияти ташкилот вобаста мебошад, мувофиқат менамояд.

Ба захираҳои беруна дохил мешаванд:

• захираҳои миллӣ-хоҷагӣ, ки аз байни зерсоҳаҳо ба вуҷуд меоянд;
• захираҳои соҳавӣ, ки дар натиҷаи махсусгардонӣ ба вуҷуд меояд;
• захираҳои аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллидошта, ки аз мавҷудияти манбаи ашъёи хоми хоҷагӣ, аз самаранок истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ва табиӣ, сатҳи кооператсиякунонӣ ва дараҷаи махсусгардонӣ ва ғайра вобаста аст.

Захираҳои беруна аз сатҳи махсусгардонии васеъ, рушди низоми захираҳои моддӣ-техникӣ, низоми фурӯш, механизмҳои ташкили нарх ва ташкили талабот ва пешниҳоди картошка алоқаманд аст. Мо бо назардошти раванди рушди замонавии ин соҳа чунин алоқамандии омилҳо ва таъсири онҳо ба самаранокии истеҳсоли картошкаро пайдо намудем, ки он дар нақшаи зерин оварда шудааст (расми 3).

Ба қатори дастрасии маводи озуқаворӣ, сифат ва амнияти он низ омили муҳим мебошад, ки мувофиқоии маҳсулотҳои хӯрока ба талаботи қонунгузорӣ дар бораи батанзимдарории техникии кишвар фаҳмида мешавад, ки дар он маҳсулот истифода мегардад.

Критерияҳои мустақилияти озуқаворӣи дар боло қайдшударо дар маҳсулоти картошкапарварӣ ҳамчун мафҳуми мувозинат(стабилность), ҳамроҳ намудан мумкин аст, ки вай детерминанти мувaққатии мустақилияти озуқаворӣ тавсиф карда мешавад, яъне он чорчӯбаи ҳолати мустақилияти озуқаворӣ ифода шуда, яке аз унсурҳои таркибии амнияти озуқаворӣ мебошад.

Амнияти озуқаворӣи давлат ҳамчун қоида бо маҷмӯи шароити иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъмин карда мешавад, ки вай бо ташкил ва рушди соҳаи кишоварзӣ, умуман комплекси озуқаворӣ ва бо ҳолати иқтисодии миллӣ алоқаманд мебошад.




**Расми 3.- Вобастагии байни омилҳои истеҳсоли картошка аз тарафи муаллиф омода карда шудааст**

Мувофиқан маҷмӯйи хосиятҳои пешниҳод кардашуда, қобилияти аниқи таърифи мустақилияти озуқавориро дар замони ҳозира муайян мекунад (расми 4).




**Расми 4.- Критерияи мустақилияти озуқаворӣ дар соҳаи картошкапарварӣ**

Ҳамин тариқ, дар давраи иқтисодиёти бозорӣ ҳар як корхонаи кишоварзӣ маҷбур аст, ки захираҳои мавҷударо барои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истеҳсоли картошка доимо ҷустуҷӯ кунад ва аз он истифода барад. Дар ин ҳолат ташкили дурусти кор барои ҷустуҷӯ ва таҳлили омилҳои мавҷудаи истеҳсоли картошка, ки ба таҷрибаҳои ватанӣ ва хориҷӣ асоснок карда шудааст, аҳамияти калон дорад.

Дар замони имрӯза, барои соҳаи картошкапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шароити хуби хоҷагидорӣ ба вуҷуд омадааст ва он корхонаҳои кишоварзиро вазифадор менамояд, ки сатҳи

рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшударо бо мақсади таъмини устувори мавқеъи он дар бозор кӯшиш намоянд.

**АДАБИЁТ**

1. Кулагин О.А. Принятие решений в организациях: Учеб. Пособие / О. А. Кулагин – СПб.: Сентябрь, 2001. – 148 с.

2. Романов А.П. Экономический потенциал предприятия и его связи с ресурсным и производственным потенциалами / А.П. Романов, М.Н. Губанова // Вопросы современной науки и практики. Университет им. В. И. Вернадского, 2010. – № 7-9. – С. 223-229

3. Серова Е.В. Аграрная экономика / Е.В. Серова // – М. : ГУ ВШЭ, 1999. – 480 с.

4. Шафронов А. Д. Эффективность производства и факторы роста / А.Д. Шафронов // АПК: экономика и управление, 2003. - № 4. - С. 52-58

**АННОТАЦИЯ**

**ФАКТОРЫ ПОВЫШЕНИЯ ПРОИЗВОДСТВО КАРТОФЕЛЯ В УСЛОВИЯХ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ**

В статье анализируются факторы, способствующие увеличению производства картофеля в условиях продовольственной независимости. На основании анализа факторов автор утверждает, что в рыночной экономике каждое сельскохозяйственное предприятие вынуждено постоянно искать и использовать имеющиеся ресурсы для повышения экономической эффективности производства картофеля.

В этом случае правильная организация работы важна для поиска и анализа существующих факторов производства картофеля, которые основаны на отечественном и зарубежном опыте.

**ANNOTATION**

**FACTORS TO INCREASE POTATO PRODUCTION UNDER FOOD INDEPENDENCE**

The article is analyzed by a factor that is related to potatoes in the production of nonfiction. Neither of the major factors in the analysis of the author's motivation is worth mentioning in the emerging market economy, and the use of a resource-based resource for the development of economic efficiency. In this way, the right organization of the work and the analysis of the fictitious factors of the potatoes, translate the essentials into the unconscious and harmful.

***Keywords:*** *sector of potato, production of potatoes, factor, classification of factors, efficiency of potato production, production of nonfat.*